аз 20.12.2024, №24097/11.1-д

Мақомоти ҳудудии андоз
ва андозсупорандагон

Оид ба тартиби ҳисоб намудани манбаи андози роялти
барои истихроҷи обҳои зеризаминӣ барои ба зарфҳо рехтан

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дуруст ҳисоб намудани манбаи андози роялти барои истихроҷи обҳои зеризаминӣ, ки барои истеҳсоли нушокиҳои гуногун истифода мешаванд, мутобиқ ба муқаррароти боби 45 Кодекси андоз мактуби дастурии зеринро барои маълумот ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ирсол менамояд.

Мутобиқ ба талаботи ҷадвали қисми 2 моддаи 310 Кодекси андоз меъёри роялти барои истихроҷи обҳои зеризаминии софи бо роҳи коркарди саноатӣ барои рехтан ба зарфҳо истихроҷшуда бо меъёри 10 фоиз мушаххас муайян карда шудааст. Дар эзоҳи ҳамин қисми моддаи 310 Кодекси андоз пешбинӣ гардидааст, ки тибқи талаботи қисми 1 моддаи 309 Кодекси мазкур манбаи ҳисоб намудани андози роялти барои истихроҷи обҳои зеризаминӣ барои ба зарфҳо рехтан (бо роҳи коркарди саноатӣ) аз ҳисоби арзиши аслии маҳсулоти молии якум бо роҳи зарб намудан ба ҳаҷми оби зеризаминии софи истихроҷнамуда ҳисоб карда мешавад.

Ҳаминтавр, тибқи муқаррароти зикршуда корхонаҳои истихроҷкунандаи обҳои зеризаминӣ, ки ба истеҳсоли нӯшокиҳо аз оби истихроҷкардашуда машғул мебошанд, аз ҷумла нушокиҳои гуногуни бегаз, газдор, ширинкардашуда ва нӯшокиҳои дигари маҳлулдор роялти барои истихроҷи обҳои зеризаминиро аз ҳисоби арзиши маҳсулоти молии якум, яъне арзиши обҳои зеризаминӣ, ки то газдор кардан, ширин кардан, илова кардан спирт ва обҳои софи бегаз то ба зарфҳои барои фурӯш рехтан ҳисоб ва пардохт мегардад.

**Мисол:** *Ширкати "А", ки ба истеҳсоли нӯшокиҳои гуногун машғул мебошад, дар моҳи ҳисоботӣ 9 000 000 литр обҳои зеризаминиро истихроҷ менамояд. Ҳаҷми мазкури обро барои ба зарфҳо рехтан аз коркарди саноатӣ мегузаронад, ки барои истеҳсоли нӯшокиҳои газдор, бегаз,*

*ширинкардашуда, маҳсулоти алкаголӣ ва обҳои софи бегаз омода мегардад.*

*Новобаста аз он, ки ҳаҷми обҳои мазкур бо кадом мақсад истифода мешавад, манбаи роялти барои истихроҷи обҳои зеризаминӣ дар моҳи ҳисоботӣ дар Ширкати "А" ин ҳаҷми истихроҷи обҳои зеризаминӣ 9 000 000 литр бо роҳи зарб задан ба арзиши нархи моли якуми истеҳсолшуда то ба зарфҳои барои фуруш рехтан омода намуданд барои 1 литр бо пули миллӣ (бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо) 0,05 сомонӣ мешавад. Пас, манбаи андоз дар мисоли мазкур (9 000 000 * 0,05) 450 000 сомониро ташкил медиҳад, ки андози роялти аз он бо меъёри 10% дар ин моҳи ҳисоботӣ 45 000 сомониро ташкил медиҳад.*

Бинобар ин, корхонаҳои истеҳсолкунандаи ҳамгуна нӯшокиҳои гуногун, ки маҳсулоти худро бо истифода аз обҳои зеризаминии истихроҷнамуда истеҳсол намудаанд, вазифадор мебошанд, ки ҳангоми ҳисоб намудани манбаи андози роялти ҳаҷми обҳои зеризаминии истихроҷнамудаи худро бо зарби арзиши моли якум ҳисоб ва пардохт намоянд.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки мухтавои мактуби мазкурро ба андозсупорандагон расонида, оид ба иҷрои сари вақтии уҳдадориҳои андозии субъектҳои истихроҷкунандагои обҳои зеризаминӣ чораҷӯӣ намоянд.

Раис Н. Давлатзода